Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди
Донишгоҳи давлатии молия иқтисоди Тоҷикистон
(734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи пешниҳодгардидаи Шарипов Некрӯз Гадомадович ба таҳқиқи яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодию молиявии давлат - такмили фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бахшида шудааст. Муаллиф дар таҳқиқи масъалаи баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзиро бо дарназардошти истифодаи технологияҳои рақамӣ, инноватсияҳои бонкӣ ва механизмҳои муосири идоракунӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст, ки дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Диссертант тавонистааст асосҳои назариявию методологии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратиро таҳлил намуда, нақши иқтисодиёти рақамиро дар ташаккул ва рушди низоми бонкӣ муайян намояд. Дар ҷараёни таҳқиқ мафҳумҳои назариявии «рақобатпазирии бонк», «иқтисодиёти рақамӣ», «технологияҳои рақамии бонкӣ», «хизматрасониҳои молиявии рақамӣ» ва «механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунӣ» мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта, онҳо ҳамчун унсурҳои муҳими рушди устувори низоми бонкӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф ин категорияҳоро аз дидгоҳи молиявию идоракунӣ таҳлил намуда, аҳаммияти онҳоро ҳамчун объекти мустақили идоракунӣ асоснок кардааст, ки барои такмили назарияи молия ва бонкдорӣ аҳаммияти илмӣ дорад.

Дар сатҳи автореферати диссертатсия асоснок гардидааст, ки рушди иқтисодиёти рақамӣ ба тағйирёбии шаклҳо ва усулҳои рақобат дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ оварда мерасонад. Муаллиф нишон медиҳад, ки истифодаи платформаҳои рақамӣ, хизматрасониҳои бонкдории фосилавӣ, пардохтҳои электронӣ ва технологияҳои молиявии инноватсионӣ (fintech) ба баланд шудани сифати хизматрасониҳо, коҳиш ёфтани хароҷот ва таҳкими мавқеи рақобатии бонкҳои тиҷоратӣ мусоидат менамояд. Таҷрибаи байналмилалӣ гувоҳӣ медиҳад, ки дар кишварҳои пешрафта, аз ҷумла ИМА, Чин ва Британия Кабир рақамикунонии низоми бонкӣ ба омили калидии баландбардории рақобатпазирӣ табдил ёфтааст. Дар рисола, бо такя ба таҷрибаи мазкур, роҳҳои мутобиқсозии онҳо ба шароити иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

Сканировано с CamScanner

Муаллиф ҳолати кунунии рушди бонкҳои тиҷоратӣ ва сатҳи рақобатпазирии онҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки бо вуҷуди пешрафтҳо дар самти рақамикунонии хизматрасониҳои молиявӣ, як қатор мушкилот, аз ҷумла сатҳи нокифояи инфрасохтори рақамӣ, норасоии мутахассисони баландихтисос, хавфҳо ва маҳдудиятҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ба фаъолияти самараноки бонкҳо таъсир мерасонанд. Бо дарназардошти ин ҳолат, муаллиф зарурати такмили сиёсати давлатии рушди низоми бонкӣ ва дастгирии равандҳои рақамикунониро асоснок менамояд.

Дар қисми амалӣ, диссертант вазъи рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратиро дар асоси нишондиҳандаҳои молиявӣ, оморӣ ва иқтисодӣ таҳлил намуда, бо истифода аз усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва баҳодиҳии самаранокӣ, натиҷаҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзиро арзёбӣ кардааст.

Механизми пешниҳоднамудаи муаллиф барои баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ дорои аҳаммияти амалӣ буда, метавонад ҳангоми таҳияи стратегияҳои рушди бонкҳо ва сиёсати танзимкунандаи давлатӣ истифода гардад.

Муаллиф асоснок менамояд, ки бо татбиқи босамари стратегияҳои рақамӣ, густариши хизматрасониҳои молиявии электронӣ ва такмили муҳити меъёриву ҳуқуқӣ, сатҳи рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ метавонад ба таври назаррас баланд гардад.

Аз нигоҳи сохтор ва мазмун, диссертатсия мутобиқ ба талаботи стандартҳои илмӣ таҳия гардида, дорои қисмҳои назариявӣ, таҳлили амалӣ ва тавсияҳои асоснок мебошад. Забони таҳқиқот равон буда, услуби илмӣ пурра риоя шудааст ва хулосаҳои пешниҳодгардида мантиқан асоснок мебошанд.

Саҳми шахсии муаллиф бо иштироки мустақими ӯ дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқ, таҳияи хулосаҳо, пешниҳодҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, инчунин бо интишороти илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ тасдиқ мегардад. Тарзи масъалагузорӣ, усули таҳлил ва услуби баён саҳми шахсии диссертантро равшан инъикос менамояд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбат ва арзиши назариявию амалии таҳқиқот, дар автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1. Агар дар таҳқиқи истифодаи васеътари моделсозии иқтисодӣ ва пешгӯии динамикаи нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ ворид мегардид, арзиши амалӣ ва таҳлилии натиҷаҳо боз ҳам баландтар мешуд.

2. Муаллиф дар ҳимояи ошкоро шарҳ медод, ки кадом имкониятҳо ва механизмҳо ба бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки тавассути лоиҳаҳои муштарак технологияҳои инноватсионии муосирро ҷорӣ намуда, сатҳ ва сифати хизматрасониҳои бонкиро баланд бардоранд?

Албатта, камбудии зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсияро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

Аз омӯзиши матни автореферати диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович хулоса баровардан мумкин аст, ки таҳқиқоти пешниҳодшуда

Сканировано с CamScanner

пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти ин дараҷаи илмӣ мебошад. Иброз бояд намуд, ки матни мазкур бо дарназардошти талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, тасдиқгардида бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295), таҳия гардидааст.

**Тақриздиҳанда:** д.и.и., профессор, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии ДБССТ
Ҷурабоев Ғ. Ҷ.

Имзои Ҷурабоев Ғ. Ҷ. -ро тасдиқ мекунам.

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н.**

**Маълумот барои тамос:** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Тел: (+992 37) 234-88-00, www.dsx.tj. e-mail: dsx._ips@mail.ru.
«__» _________ соли 2026

Сканировано с CamScanner